## 13.00.02 НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШУ ПАРВАРИШ
## 13.00.02.ТЕОРИЯ И МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ
## 13.00.02.THEORY AND METHODS OF TEACHING AND UPBRINGING

***ТДУ 371.315.5***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-2-172-176***

# *ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДӢ ВА МАҲОРАТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ ДИЗАЙНИ МАҲСУЛОТИ ДӮЗАНДАГӢ ДАР ТАЪЛИМИ САНЪАТИ ОРОИШӢ - АМАЛӢ*

***Нугмонов Мансур**, д.и.п., профессори кафедраи методикаи таълими математикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ"(Тоҷикистон, Душанбе)*

# *РАЗВИТИЕ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ И ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ СТУДЕНТОВ ДИЗАЙНЕРОВ ШВЕЙНЫХ ИЗДЕЛИЙ НА УРОКАХ ДЕКОРАТИВНОГО ПРИКЛАДНОГО ИСКУССТВА*

***Нугмонов Мансур**, доктор педагогических наук професор кафедры методики преподавания математики ГОУ «Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни»(Таджикистан, Душанбе)*

# *DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES AND PROFESSIONAL SKILLS OF STUDENTS OF SEWING PRODUCTS DESIGNERS AT LESSONS OF DECORATIVE APPLIED ARTS*

***Nugmonov Mansur**, Dr. of Pedagogy, Professor of the department of methods of teaching mathematics under the SEI "State Pedagogical University named after S. Aini" (Tajikistan, Dushanbe)*

***Вожаҳои калидӣ:** санъати ороишӣ- амалӣ, ҳунар, тарбия, ҳунарҳои халқӣ, таҳқиқот, анъанаҳои миллӣ, эҷодкорӣ, фарҳанг*

*Мақола ба баррасии шаклгирии тавоноии эҷодӣ ва маҳорати ҳирфавии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар санъати ороиши амалӣ бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки инкишофи тарбияи завқи бадеӣ дар раванди машғулиятҳои санъати ороишӣ- амалӣ танҳо дар сурати ҳосил намудани маҳорат, малака ва истифодаи амалии донишҳои махсус имконпазир аст. Тазаккур меравад, ки яке аз роҳҳои беҳтарин ва аз ҳама дастрас барои самаранок тарбияи завқи бадеии донишҷӯён ҷиҳати роҳбарӣ ба корҳои эҷодӣ маҳсуб меёбад. Собит мешавад, ки афзоиши баланди шавқу завқи аҳолии ҷумҳурӣ ба ин соҳаи санъати ороишӣ-миллӣ, асосан, аз таваҷҷуҳи зиёди аҳолӣ ба фарҳанги маишӣ алоқаманд аст. Таҷриба имкон додааст, ки норасоиҳои асосии тарбияи завқи бадеӣ донишҷӯён дар раванди таълими санъати ороишӣ- амалӣ, ки зимни ташкили нисбатан муваффақона бартараф кардан мумкин аст, муайян гардад.Донишҷӯён зуд малакаҳои лозимаро дар рафти омӯзиши ин ҳунар аз худ намуда, ҳангоми зарурати истифодаи якчанд намуди дӯхт, дар иҷрои рафти кор мушкилиҳо ба назар расида, он сусттар анҷом меёбад.*

***Ключевые слова:** декоративно-прикладное искусство, ремесла, образование, народные промыслы, исследования, национальные традиции, творчество, культура*

*Статья посвящена вопросам развитие творческих способностей и профессиональных навыков студентов- дизайнеров швейных издений на уроках декоративно- прикладного искусства. Отмечается, что развитие художественного вкуса в процессе декоративно-прикладного искусства возможно только при приобретении навыков, умений и практическом применении специальных знаний. Подчёркивается, что одним из лучших и доступных способов эффективного воспитания художественного интереса студентов является руководство творческой работой. Высокий интерес населения к этой области национального декоративно-прикладного искусства в основном обусловлен большим интересом населения к быту. Опыт позволил выявить основные недостатки в развитии художественного вкуса у учащихся в процессе обучения декоративно-прикладному искусству, которые можно преодолеть в наиболее успешной таджикской организации.Студенты быстро приобретают необходимые навыки в процессе освоения этого навыка, а когда необходимо использовать несколько видов стежков, возникают трудности в процессе работы, и она идет медленнее.*

***Key words:** arts and crafts, crafts, education, folk crafts, research, national traditions, creativity, culture*

*The development of artistic taste in the process of arts and crafts is possible only with the acquisition of skills, abilities and the practical application of special knowledge. One of the best and most affordable ways to effectively nurture the artistic interest of students is to guide creative work. The high interest of the population in this area of national arts and crafts is mainly due to the great interest of the population in everyday life. The experience made it possible to identify the main shortcomings in the development of artistic taste among students in the process of teaching arts and crafts, which can be overcome in the most successful Tajik organization.Students quickly acquire the necessary skills in the process of mastering this skill, and when it is necessary to use several types of stitches, difficulties arise in the process and it is slower.*

Ҳунарҳои анъанавии мардумӣ бо ҳаёту зиндагии ҳамарӯза алоқамандии зич дошта, имкони васеи ҷалби наврасону ҷавонон ба омӯзишу эҳёи намунаҳои санъати ороишии амалӣ ва ташаккули раванди завқи бадеиро дорост. Шароити имрӯза тақозо менамояд, ки услубҳои дастрастарини истифодаи намунаҳои санъати ороишии амалиро аз нав эҳё намуда, онҳоро баҳри пешбурди ҳаёти маънавию маишӣ васеъ истифода намоем.

Таърихи пайдоиш ва ташаккули санъати ороишию амалӣ гувоҳи он аст, ки ин намуди ҳунар дар тарбия намудани шахсияти комилан ташаккулёфта мақоми махсус дошта, шахсро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, тарбия менамояд. То ин дам дар таҳқиқоти олимони соҳаҳои санъатшиносӣ бештар инкишофи ҳунарҳои халқиро дар доираи муассисаҳои алоҳида, мактабу донишгоҳ, муассисаҳои иҷтимоию фарҳангӣ, муассисаҳои таълимии иловагӣ маҳдуд баррасӣ намуда, ба мавқеи ҳунарҳои бадеии мардумӣ, ки доираи фаъолияти касбии ҳаётии инсон мебошад кам аҳамият медоданд. Мақсади эҳёи анъанаҳои миллӣ ҳамчун рукни асосии давлати миллӣ онро ба масъалаи ҳунарҳои мардумӣ, хонаводагӣ ба вижагиҳои мардумӣ табдил дода, бо ин роҳ раванди бедор намудани завқи бадеии ҷавонон ва инкишофи минбаъдаи онро ба хотири идомаи анъанаҳои фарҳангӣ таъмин намудан мебошад.

Ҳунарҳои бадеии мардуми тоҷик дорои аносири беҳтарини тарбиявӣ буда, эҳёи дубораи онҳо имкон медиҳад, ки истифода аз анъанаҳои марбут ба тарбия вижагии оммавӣ пайдо намояд ва бо ин роҳ ҳаёти маънавии ҷомеа ранги тоза касб намояд. Таҷрибаи бойи мардум дар масъалаи аз насл ба насл гузаронии ҳунарҳои мардумӣ, ки бо қонуниятҳои пешқадами тарбия сахт марбутанд, имконият доданд, ки дар шароити эҳёи анъанаҳои миллию фарҳангии халқ аз қувваю нерӯи тавонои таълиму тарбиявӣ васеъ истифода карда мешаванд.

Санъати ороишии амалӣ аз қадимулайём писандидатарин соҳаи ҳунари тасвирии мардуми тоҷик ба шумор меравад. Тоҷикистон – дорои сарватҳои гуногуни бебаҳост. Мардуми меҳнатдӯсту қавиидодаи мо бо асарҳо ва ҳунарҳои ниёгонии худ шӯҳратёри олам гашта, баҳри ободии кишвар ва беҳбудии зиндагии худ пайваста меҳнат мекунанд.

Вазифаи муаллим, дар айни замон, ба донишҷӯёни муассисаҳои олӣ фаҳмондани асосҳои санъати ороишии амалӣ, таърихи пайдоиши санъатҳои гуногун, ташаккул ва имкониятҳои муосири ин намуди санъатҳо дар замони муосир, кӯмак расонидан барои ташаккули шахсияти эҷодӣ тарбияи рӯҳияи зебоипарастӣ дар онҳо мебошад.

Саъю кӯшиши озодии шахсӣ бояд қоидаи асосии ташаккулдиҳандаи ҳар як шахс гардад. Эҷодкорӣ метавонад яке аз роҳҳои худшиносӣ бошад, зеро он ба инсон имкон медиҳад, ки аз доираи ҳаёти ҳамарӯза берун рафта, худро дарк намояд. Имрӯз, танҳо шахсе, ки ба кори худ муносибати эҷодӣ дорад, метавонад тамоми маҷмӯи вазифаҳои амалӣ ва назариявиро, ки дигаргуниҳои босуръат рушдёбандаи иқтисодӣ ва пешрафти илмию техникӣ дар назди ӯ мегузоранд, иҷро кунад.

Моҳияти мундариҷаи фалсафии эҷодиёт тамоюли созандагии инсонро ифода менамояд, ки фаъолияти он як чизи сифатан нав ва бо аслияти ҷамъиятию таърихӣ фарқкунандаро тавлид мекунад. Мафҳуми эҷодкорӣ ин эҷод намудан дар асоси анъана ва суннатҳои миллӣ, қонуну қоидаҳои аҷдодӣ, пеш аз ҳама, дар осори ҳунари миллӣ ифода меёбад ва тавассути офаридаҳои бошуурона сурат мегирад. Вале танҳо дар доираи корҳои анъанавӣ, яъне доираи маҳдуд, санъати ороиш амалӣ наметавонад ба таври озод амали намояд, тағйир диҳад ва мақсади хешро дар мутобиқат бо талаботи ғояҳои зебоишиносии шахсӣ ба ҳамдигар пайваст намояд.

Аз нуқтаи назари равоншиносӣ, метавон гуфт, ки эҷодиёт шакли олии фаъолнокии иҷтимоӣ, маърифатӣ ва зебоипрастӣ, ҳамчунин худтакмилдиҳии шахсият мебошад. Эҷодиёти дилхоҳ, - расмкашию бофандагӣ, мусиқию адабиёт – тарзҳои бехатари паст кардани ташанну҆ҷ, имкони

идора кардани эҳсосоти худ ба шумор меравад. Дар фарҳанги равоншиносӣ эҷодиёт чунин маънидод шудааст: «Фаъолияти амалӣ ё назариявии инсон, ки дар он натиҷаҳои (дониш, қарор, тарзи амал, маҳсулоти моддӣ) нав (ҳеҷ набошад, барои субъекти фаъолият) пайдо мешаванд» [3, с. 87].

Н.А. Бердяев, В. А. Петровский, С. В. Максимова эҷодиётро чун зуҳуроти фаъолнокии ғайриадаптивӣ (кӯшиши баромадан аз чаҳорчӯба, талабот ба пешниҳоди вазифаҳои қолиби маърифатӣ, зуҳури иқтидорҳои ботинӣ) мефаҳманд [2, с. 45].

Истифодаи нерӯи эҷодии санъати ороишию амалии халқӣ чун яке аз қисмҳои фарҳанги миллӣ дар таълими бадеӣ таркиби муҳими рушди ҷаҳонбинии насли наврас ва худмуайянкунии ӯ маҳсуб меёбад.

Тағйироти бунёдие, ки имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон ба амал меоянд, мушкилоти зиёдро ошкор кардаанд. Зарурати амиқ кардани таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи маориф, такмили маънавии шахсияти инсон барои муассисаи миёнаи умумӣ аҳамияти махсус дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди низоми маориф ва татбиқи ислоҳот дар соҳаи маориф диққати махсус дода, қайд мекунанд, ки "... дар ин раванд як ҳақиқатро бояд дар хотир дошт: дар ҷаҳони муосир, кишваре, ки ба такмил додани маориф диққати калон медиҳад дар ҷомеа технология ва технологияҳои навро ҷорӣ мекунад ..." [10]

"Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020" афзалиятҳои асосии ҳадафҳои рушди ҳазорсола, мақсад ва вазифаҳои "Таҳсил барои ҳама" ва дигар санадҳои муҳимми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар мегирад.

Ҳуҷҷати мазкур бояд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат кунад, ҳамоҳангсозии амалҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, идораҳо ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар самтҳои афзалиятноки рушди маориф ва татбиқи ҳадафҳои дарозмӯҳлати ислоҳоти соҳаи маориф таъмин намояд.

"Афзоиши мунтазами миқдори иттилооти нави илмӣ тағйир додани мундариҷаи курси мавриди тадрисро тақозо мекунад, яъне мундариҷаи таълим дар айни замон бояд ба сатҳи инкишофи санъати ороишӣ - амалӣ мувофиқат кунад" [5,с.25].

Аз ин лиҳоз, нигоҳ доштан ва рушди санъати халқӣ дар мо на танҳо чун вазифаи муҳими хоҷагии халқ, балки ҳамчун муаммои ғоявӣ низ мебошад, ки он ба муносибати бевоситаи ташаккули маданияти бадеии халқӣ мусоидат мекунад.

"Омӯхтани соҳаи санъати ороишӣ - амалӣ ва фанни мувофиқ чун як низом, мо бояд як қатор ансори ба ҳам алоқамандро муайян намоем, ки ба онҳо хусусияти маҷмӯӣ диҳанд" [6,с.25].

Масоили тахайюл ва эҷодиёт, аз ҷумла эҷодиёти бадеӣ дар бисёр асарҳои файласуфон, равоншиносон ва омӯзгорони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар адабиёти фалсафӣ оид ба ҳаҷм ва мундариҷаи мафҳуми "эҷодиёт" нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад.

"Эҷодиёт - эҷод, офариниш, бунёд чун хислати фаъол аст. Эҷодиёт ба ҳар кас ато намешавад. Қобилиятнок - сазовор ба ягон чиз, ё моил ба чизе, моҳир, кордон сифатҳои истеъдод ё эҷодкор аст..." [9,с.25]. Дар фарҳанги истилоҳоти фалсафӣ омадааст, ки эҷодиёт раванди фаъолияти инсонист, ки арзишҳои сифатан нави моддӣ ва маънавӣ ба вуҷуд меорад. "Эҷодиёт қобилияти дар меҳнат бамиёномадаи аз маводи воқеият пешниҳод карда, воқеияти навро ба вуҷуд овардани инсон аст, ки ниёзҳои гуногуни иҷтимоиро қонеъ мекунад" [4,с.174].

Г.В. Ҳегел эҷодиётро чун кӯшишҳои инфиродии одамон муайян мекунад, аммо ҳама корҳое, ки одамон ба иҷро мерасонанд, амалӣ гардонидани ҳадафҳои рӯҳи ҷаҳонӣ мебошад, ки ноаён таърихро идора менамояд [3,с.125].

Дар фаҳмиши муосири эҷодиёт ғояҳои ҷараёни феноменологӣ, ки ҳастии инсонро чун як ҳастии муколамавӣ меомӯзад ва дар он ҳар гуна навгонӣ зоҳир мегардад, нақши муҳим мебозад.

Р.Л. Муни чор муносибати асосиро ба эҷодиёт вобаста ҷудо мекунад: а) муҳите, ки дар он эҷодиёт амалӣ карда мешавад; б) маҳсули эҷодӣ; в) раванди эҷодӣ; ғ.) шахсияти эҷодӣ [6, с. 33].

Фаҳмиши эҷодиёт чун фаъолияти инсоне, ки арзишҳои нав, аслии моддӣ ва маънавӣ меофарад ва онҳо аҳамияти иҷтимоӣ ва касбӣ доранд, маъмултарин мебошад. Мавҷудияти унсурҳои эҷодиёт дар ҳар намуди фаъолияти инсонӣ имконпазир аст. Аммо, зуҳуроти онҳо ба иқтидори эҷодӣ, пеш аз ҳама, қобилиятҳои эҷодии шахсият, ки ин фаъолиятро анҷом медиҳад, вобаста аст. Ин мавқеъ дар як қатор асарҳои фалсафӣ инъикос ёфтааст.

Дар асарҳои А.М. Матюшин, мо тавсияҳои сершуморро оид ба ҳалли вазифаҳои эҷодӣ ва баромадан ба принсипҳои фаъолияти эҷодиро пайдо мекунем, ки ҳамзамон вазифаҳои

принсипҳои худ инкишофи эҷодии шахсиятро иҷро карда метавонанд. Дар пайравӣ ба М.А. Матюшин дар таҳқиқоти худ, мо маҳорати касбии донишҷӯён ва ба фаъолияти эҷодии онҳоро чун эҷодии шахсият аз нуқтаи назари фалсафа ва психология баррасӣ мекунем [5,с.85].

Бинобар ин, дар навиштаҳои Г.С. Алтшуллер, Д.Пой, А.И. Половинкин ва дигарон таваҷҷӯҳ гоҳе ба усулҳои эвристӣ чун хусусияти асосии протсессуалии фаъолияти эҷодӣ дода мешавад, гоҳе сухан дар бораи вижагиҳои эҷодӣ меравад [1,с.207].

Саъю кӯшиш ба озодии шахсӣ бояд қоидаи асосии маънiофари ҳар инсон гардад. Эҷодиёт метавонад яке аз роҳҳои худшиносӣ бошад, зеро он ба инсон имкон медиҳад, ки аз доираи ҳаёти ҳамарӯза берун рафта, худро татбиқ намояд.

Н.А. Бердяев дар ин бора навиштааст: “... эҷодиёт як ҷӯшу хурӯш ва сууд аст, он аз ҳаёт боло меравад, марзу худудҳоро убур мекунад, ба малакут мерасад... Дар олами эҷодиёт ҳама чиз нисбат ба ҳаёти воқеӣ нисбат ба таърих ё олами рефлексию таҷаллиҳо ҷолибтар, муҳимтар, асилтар, амиқтар аст” [2,с.45].

Аввалин кӯшишҳои фаҳмидани қонунҳои эҷодиётро олимони барҷаста, файласуфони қадим Архимед, Гераклит ва баъдтар Ф. Бэкон, Р. Декарт ва дигарон ба вуҷуд овардаанд. Онҳо муқаррар намудаанд, ки ба эҷодиёт шахсиятҳои махсус ба ин гуна фаъолият тайёр шуда, дорои тахайюлоти эҷодӣ ва қобилият ба тафаккури таҳлилӣ машғул шуда метавонанд. Аксар вақт онҳо таълими махсус фарогирии эҷодиёти техникиро чун “атои илоҳӣ” (боистеъдодӣ) маънидод мекарданд ва ин истеъдодро ба доираи хеле маҳдуд ва аксаран, ба ашхоси хеле давлатманд мансуб медонистанд.

Қобилияти бар хилофи ҳама чиз худро татбиқ кардан шуурро дар ҳолати фаъолнокии доимӣ нигоҳ медорад, зеро “Эҷодиёт қобилияти аз маводи пешниҳодкунандаи воқеият ба вуҷуд овардани воқеияти нав аз ҷониби инсон мебошад, ки талаботи гуногуни фаъолияти ҳаётии инсонро қонеъ мекунад” [8,с.13].

Андешаҳои фалсафиро дар бораи маънои ҳаёт ҷамъбаст намуда, метавон ба хулоса расид, ки инсон ҳаёташро мувофиқи мақсад ва мӯҳтавои худ ба роҳ монда, чун меъмори фаъолияти ҳаёти худ зуҳур мекунад, ва алорағми вазъият ва аксаран алорағми тақдир амал менамояд. Инсон, ки дорои иродаи озод аст, метавонад худро бо назардошти талаботу мақсадҳои мунтазам навшавандааш эҷод кунад.

Боиси қайд аст, ки санъати ороишии амалӣ аз қадимулайём писандидатарин соҳаи ҳунари тасвирии тоҷикон ба ҳисоб меравад.Тоҷикистон- дорои сарватҳои гуногуни бебаҳост. Мардуми меҳнатдӯсту қавиирода ва пуртоқатии он, бо асарҳои ҳунармандии худ шӯҳратёр гашта, баҳри ободии кишвар ва беҳбудии зиндагии худ пайваста меҳнат мекунад.

Моро зарур аст, ки худшинос ва аз таъриху фарҳанги бою рангини ниёгон огоҳ бошем, дар эҳё гардидани он саҳми сазовори худро гузошта, ҳамчун гузаштагони худ онро ба насли наврас мерос гузорем. Ба таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза дуруст сарфаҳм рафта, ояндаи худро бо ақлу заковати баланд андешем. Танҳо дар он сурат моро ояндаи неку дурахшон интизор хоҳад буд.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи корҳои илмию амалӣ, усулҳои истифодаи анъанаҳои миллӣ, назардошти урфу одат, омӯзиши таъсири равияҳои гуногуни санъат дар ороиши маснуоти бадеӣ дар тарбияи меҳнатӣ ва ҳунаромӯзии донишҷӯёни муассисаҳои олии кишвар беҳбудиро мехоҳад.

Дар сатҳи ҳукуматӣ ба миён омадани ғояҳои эҳё, беҳдошт ва рушди фарҳанги анъанавии мардумӣ, бахусус ҳунарҳои амалии мардумӣ, бидуни дарки дараҷаи талабот нисбат ба он дар амалияи ҳаёти фарҳангии ҷомеа ва ба назари эътибор гирифтани хусусиятҳои мавҷудият дар доираи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳалли худро ёфта наметавонад.

Доир ба ҷамъбасти андешаҳои фалсафӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки шахс метавонад мувофиқи ҳаёту мақсадҳои худ зиндагӣ карда, ҳамчун меъмори зиндагии худ амал намояд, новобаста аз вазъият ва аксар вақт сарфи назар аз тақдир. Одами дорои иродаи озод қодир аст, ки худро бо назардошти талабот ва мақсадҳои ҳамешагӣ тағйир диҳад. Таҳқиқоти равониву педагогии солҳои охир нишон медиҳанд, ки дониши нав бо роҳи аз худ кардани роҳҳои фаъолияти эҷодӣ, ҳангоми гузоштани саволҳои нав, ҳалли ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ ва гузоштани фарзияҳо ташаккул меёбад.

Ҳамин тариқ ба хулосае омаданд мумкин аст, ки муаммои ташаккули қобилияти эҷодӣ ва маҳорати касбии донишҷӯён бо воситаи таълими санъати ороишӣ- амалӣ дар машғулиятҳо, дарсҳои нақшу нигори миллӣ омилҳои асосии ташаккули қобилияти эҷодӣ ва касбии донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Алтшуллер, Г.С. О психологии изобретательского творчества. Вопросы психологии / Г.С. Алтшуллер, Р.Б. Шапиров. – Москва, -№ 6. 1956. -236с.
2. Бердяев, Н. А. Опыт прикладной этики / Н. А. Бердяев. – Москва, 2003. -701с.
3. Гегель, Г.В. Сочинение / Г.В. Гегель. В 12-ти т. - Москва, 1935.-т.8
4. Ломов, Б.Ф. Вопросы общей, педагогической и инженерной психологии/ Б.Ф. Ломов. – Москва, Педагогика, 1991. -296с.
5. Матюшкин, А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении / А.М. Матюшкин. - Москва. Педагогика, 1972.-185с.
6. Муни, Р. Л. Концептуальная модель для интеграции четырех подходов к идентификации творческого таланта //Л.Р.Муни/ Научное творчество: его признание и развитие Wiley, 1963.-99с.
7. Талызина, Н.Ф. Формирование познавательной деятельности учащихся / Н.Ф. Талызина. – Москва. Знание, 1983.-96 с.
8. Хайдеггер, М. Исток художественного творения / М. Хайдеггер. – Москва. Изд-во Академический проект, 2008.-125с.
9. Шульпина,Л. Н. Развитие творческой активности детей в процессе дополнительного образования / Л.Н. Шульпина: дисс ... канд. пед. наук. -Москва, 2003.- 142 с.


**REFERENCES:**


1. Altshuller, G.S.On the psychology of inventive creativity. Isuues of psychology / G.S. Altshuller, R.B. Shapirov. - Moscow, - No. 6. 1956. – 236 p.
2. Berdyaev, N. A. Experience of applied ethics / N. A. Berdyaev. - Moscow, 2003. – 701 p..
3. Hegel, G.V. Composition / G.V. Hegel. In 12 volumes - Moscow, 1935. –V.8
4. Lomov B.F. Issues of general, pedagogical and engineering psychology / B.F. Lomov. - Moscow, Pedagogy, 1991. – 296 p.
5. Matyushkin A.M. Problem situations in thinking and learning / A.M. Matyushkin. -Moscow. Pedagogy, 1972. – 185 p.
6. Mooney R. L. Conceptual model for the integration of four approaches to the identification of creative talent // Scientific creativity: its recognition and development / Taylor V. V., Barron F. (Ed.): Wiley, 1963. – 99 p..
7. Talyzina N.F. Formation of cognitive activity of students / N.F. Talyzin. - Moscow. Knowledge, 1983. - 96 p.
8. Heidegger M. The source of artistic creation / M. Heidegger. - Moscow. Publishing house "Academic project". 2008. – 125 p.
9. Shulpina L. N. Development of creative activity of children in the process of additional education / L.N. Shulpina: diss ... cand. ped. Sciences. -Moscow, 2003. - 142 p.